**ШИНОСНОМАИ ИХТИСОСИ ИЛМӢ**

**05.14.02.** «Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ»

**I. Соҳаи илм:**
05.00.00.- Илмҳои техникӣ

**II. Гурӯҳи ихтисосҳои илмӣ:**
05.14.00 -Энергетика

**III. Номи соҳаи илм, ки аз рӯи он дараҷа ва унвони илмӣ дода мешаванд:** Техникӣ

**IV. Рамзи ихтисоси илмӣ:**
**05.14.02. -**Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ

**V. Самтҳои тадқиқотии ихтисос:**
Ихтисоси илмӣ, тадқиқотҳои илмиро оид ба алоқа ва қонуниятҳо ҳангоми банақшагирии рушд, лоиҳакашӣ ва истифодабарии нерӯгоҳҳои барқӣ, системаҳои электроэнергетикӣ, шабакаҳои барқӣ ва системаҳои таъминоти барқ муттаҳид месозад. Дар доираи ихтисоси илмии мавриди назар оид ба рушд ва такмили асосҳои назариявӣ ва заминаи техникии соҳаи электроэнергетика бо мақсади таъмини истеҳсоли сарфакорона ва боэътимоди нерӯи барқ, интиқол ва таъминоти он ба истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ дар миқдор ва сифати зарурӣ тадқиқот гузаронида мешавад.

**VI. Соҳаҳои тадқиқот:**

1. Муносибсозии сохтор, параметрҳо, нақшаи пайвасткуниҳои электрикӣ ва таҳияи усулҳои таҳлил оиди параметрҳои реҷавии таҷҳизотҳои асосии нерӯгоҳҳои барқӣ.
2. Таҳиясозии асосҳои илмӣ (равишҳо) ҷиҳати тадқиқоти хусусиятҳои умумӣ, шартҳои фаъолият ва усулҳои ҳисоб, алгоритмҳо ва барномаҳои интихобӣ ва муносибсозии параметрҳо, нишондиҳандаҳои сифат ва реҷаҳои кории системаҳои энергетикӣ, муҷтамаъҳо, дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси сӯзишвориҳои органикӣ, алтернативӣ ва намудҳои энергия барқароршаванда фаъолияткунанда ва дар маҷмӯъ, таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасони онҳо.
3. Таҳиясозии усулҳои ҳисоб, пешбиниҳо, оптимизатсия ва мутобиқсозии сатҳҳои ҷараёнҳои расиши кӯтоҳ дар неругоҳҳои барқӣ ва шабакаҳои барқии системаҳои энергетикӣ.
4. Таҳиясозӣ, тадқиқот ва такмили технологияҳои мавҷуда ва азхудкунии технологияҳо ва таҷҳизоти нав барои истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ, истифодаи сӯзишвориҳои органикӣ ва алтернативӣ, ва намудҳои энергияи барқароршаванда, обтайёркунӣ ва реҷаҳои обию химиявӣ, усулҳои коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист, тақвияти эътимоднокӣ ва дарозмуддат

кардани муҳлати хизмати элементҳои системаҳои энергетикӣ, мучтамаъҳо ва дастгоҳҳои барқии ба онҳо шомилшаванда.
5. Таҳиясозии асосҳои илмии лоиҳакашӣ, таъсис ва истифодабарии мучтамаъҳои электротехникӣ, системаҳо ва чузъҳои онҳо.
6. Таҳиясозии усулҳои моделсозии математикӣ ва физикӣ дар электроэнергетика.
7. Таҳиясозии усулҳои ҳисоби речаҳои муқарраршуда, равандҳои гузариш ва устувории системаҳои электроэнергетикӣ.
8. Тадқиқоти таъсири қарорҳои техникӣ, ки дар раванди таъсис ва истифодаи системаҳои энергетикӣ, мучтамаъҳо ва дастгоҳҳо қабул мешаванд, аз нигоҳи нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва сармоягузории онҳо ва инчунин аз нигоҳи иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ.
9. Таҳиясозии усулҳои таҳлил ва синтези системаҳои танзими автоматӣ, автоматикаи зиддисадамавӣ ва муҳофизати релеӣ дар электроэнергетика.
10. Рушди назарияи умумии мучтамаъҳо ва системаҳои электртехникӣ, омӯзиши хусусиятҳои системавӣ ва робитаҳо, моделсозии физикӣ, математикӣ, тақлидӣ (имитатсионӣ) ва компютерии чузъҳои мучтамаъҳо ва системаҳои электртехникӣ.
11. Моделсозии математикӣ, таҳқиқоти ададӣ ва табиии равандҳои физико-химиявӣ ва кории чоришаванда дар системаҳои энергетикӣ ва дастгоҳҳо, ки бо сӯзишвориҳои органикӣ, алтернативӣ ва манбаъҳои энергияи барқароршаванда кор мекунанд, таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасони онҳо ва давраи умумии технологии истеҳсоли нерӯи барқ ва гармӣ
12. Таҳиясозии усулҳои назорат ва таҳлили сифати нерӯи барқ ва тадбирҳои таъмини он.
13. Тадқиқоти қобилияти корӣ ва сифати фаъолият, коричрокунии мучтамаъҳо ва системаҳои электртехникӣ дар речаҳои гуногун ҳангоми таъсиротҳои гуногуни беруна.

Эзоҳ:
Аз рӯи ихтисос рисолаҳои довталабоне, ки дар онҳо нерӯгоҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ аз чиҳати сохторӣ ва фаъолияти корӣ бо объекти мушаххаси техникӣ алоқаманданд, барои ҳимоя қабул карда намешаванд.

**VII. Ихтисосҳои алоқаманд (аз чумла дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои илмӣ):**

05.14.01 - Системаҳо ва мучтамаъҳои энергетикӣ.
05.14.03 - Дастгоҳҳои энергетикии ҳастаӣ, бо шумули лоиҳакашӣ, баҳрабардорӣ ва аз баҳрабардорӣ баровардани онҳо.
05.14.04 - Энергетикаи ҳароратии саноатӣ.
05.14.08 - Дастгоҳҳои энергетикӣ дар асоси намудҳои энергияи барқароршаванда.
05.14.12 - Техникаи баландшиддат.
05.14.14 - Неругоҳҳои барқи ҳароратӣ, системаҳои энергетикӣ ва дастгоҳҳои онҳо.
05.09.03 - Мучтамаъҳо ва системаҳои электротехникӣ.
05.20.02 - Технологияҳои барқӣ ва таҷҳизоти барқӣ дар соҳаи кишоварзӣ
05.26.01 - Муҳофизати меҳнат (илмҳои техникӣ).